## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-046 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров вобаста ба кабули диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар мавзуи «Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро - графикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дакик)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдик шуд: Сатторов Абдурасул Эшбекович– доктори илмҳои педагогӣ, профессор, 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзиши парвариш (математика) – раиси комиссия; Олов Саидмахмад – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзиши парвариш, узви комиссия; Камолова Муаззам Файзуллоевна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, 13.00.02. – Назария ва методикаи омӯзиши парвариш (забони русӣ), узви комиссия.

Комиссия таҳкиқоти диссертатсионии Боев Муродбек Бекмахмадовичро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дод ва ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва экспериментали ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 35 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тоашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, 28-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашриёҳо ба чоп расида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил дода, 3-тоаш воситаҳои таълимӣ мебошанд.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муайян кардани асосҳои назариявӣ ва амалии омӯзиши механизмҳо, асосҳои мундариҷавию технологии ҳамгироии фанҳои геометро - графикӣ дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ; коркарди асосҳои назариявии бунёди амсилаи раванди таҳсилоти ҳамгиро, коркарди амсилаи ташаккули сатҳи бунёди мундариҷаи таҳсилоти графикии муосир дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ.

Натиҷаҳои дар диссертатсионӣ ба даст оварда шуда, ба дастовардҳои олимони соҳаи методикаи таълими математикаи ватанию берун аз он такя мекунад. Дар ин равия муаллиф дар диссертатсия ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст:

- асосноккунии илмию назариявӣ функсияҳои байнифаннии таҳсилоти графикӣ (аз нуқтаи назари амсиласозии графикӣ ҳамчун

заминаи таълим ва амсилаи графикӣ ҳамчун омили низомофаранда) дар раванди таълим барои муассисаи таҳсилоти олии техникӣ;

-дар асоси таҳсилоти фанҳои геометро - графикӣ муайян кардани моҳияти дидгоҳи байнифаннӣ, ки ба қисми байнифаннии таҳсилоти графикӣ асос меёбад (ки барои ихтисосҳои муҳандисии мушоҳидавӣ пешбинӣ гардидааст);

-муайян намудан ва асоснок кардани ташаккул додани асосҳои омодагии геометро-графикӣ (ОГГ), ки сатҳи бунёдии салоҳиятнокии геометро-графикии муҳандисони ояндаи соҳаи саноати кӯҳиро ба вуҷуд меорад;

- мубодилаи дутарафаи равандҳои ОГГ-и муҳандисони соҳаи кӯҳию металлургӣ дар мундариҷаву сохтори фанҳои омӯхташаванда; истифодаи шаклҳои инноватсионии таълим (методи лоиҳавӣ, супоришҳои эҷодии гурӯҳӣ ва инфиродӣ); ба ҳисоб гирифтани малакаҳои инфиродии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанҳои геометро-графикӣ; таъмини раванди таълим бо таҷҳизоти навтарини моддӣ-техникӣ (гузариш ба графикаи компютерӣ ва истифодаи 3D принтер); таъмин намудани такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгории муассисаҳои олии техникӣ дар мувофиқат бо талаботи технологияҳои нави педагогӣ.

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Хулоса**

Диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар мавзуи «Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро - графикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

**Қарори комиссияи экспертӣ**

1.Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) ва самти шурои диссертатсионии 6D.KOA-046 мебошад.

2.Мазмуну мундариҷаи диссертатсия фарогири шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08.01, 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ

банди 2. Назария ва методикаи равандҳои таҳсилот дар соҳаи омодасозии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон;

банди 4. Муҳтавои таҳсилоти касбӣ, таҳияи стандарҳои таҳсилотӣ ва комплексҳои таълимию методӣ;

банди 6. Амсилаҳои инноватсионии омодагии касбии мутахассисон мутобиқи самтҳои стратегии навсозии таҳсилоти олӣ мебошад.

3.Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи

«Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267) пурра ҷавобгӯ мебошад.

1. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи муқарризи диссертатсия Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" муайян карда шавад.
2. Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии диссертатсия **Исломов Озод Азимович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва **Сироҷиддини Давлаталӣ,** номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ муайян карда шаванд.
3. Барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.
4. Ба нашр ва панҳкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия, д.и.п., профессор — Сатторов А.Э.

Узви комиссия, н.и.п., дотсент — Олов С.

Узви комиссия, н.и.п., дотсент — Камолова М.Ф .

*Имзоҳои д.и.п., профессор Сатторов А.Э., н.и.п., дотсент Олов С., н.и.п., дотсент КамоловаМ.Ф .-ро тасдиқ менамоям:*

*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси*
*МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба*
*номи академик Б.Ғафуров»* — *Наврӯзов Э.М.*